ЛАТОФАТ

# МӮРЧАЯКИ БАДНАФС

6-7 сола



7032
И К-35

USAID АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХАЗИНАИ ОҒОХОН

ЛАТОФАТ

# Мӯрчаяки баднафс

Китобхонаи ... Ҷумҳурии Тоҷ...
М. ...
и/б
2053

Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқ
Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида
мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда,
метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

ЛАТОФАТ

# МӮРЧАЯКИ БАДНАФС

**(барои кӯдакони синни 6-7-сола)**

ш. Душанбе ТҶБ «Истиқбол»-2013,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Тел: (+99237) 238-53-01; (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.com

**Мушовирон:**
**Ирина Каримова,**
**Лутфия Имматова**
**Муҳаррир:**
**Юсуфҷон Аҳмадзода**
**Мусаввир:**
**Абдусалом Абдуллоев**
**Ороишгар:**
**Комрон Раҳмонзод**
**Мусаҳҳеҳ:**
**Ганҷина Муллоҷонова**

Ба чопаш 25/07/2013 имзо шуд.
Андозаи А4. Коғаз бристоли амрикоӣ.
Ҷузъи чопию ҳисобӣ 1,5.
Теъдод 1394 нусха.

**Дар интишороти «Imak-ofset» ба чоп расид.**



Буд набуд, як мӯрчаяки баднафси сип-сиёҳаки почаборик буд, бо номи Ҳейҳей. Ӯ дар зери санги калоне мезист. Хӯрданро дӯст медошту меҳнатро бад медид. Аз танбалӣ рӯзе сахт гурусна монд.

–Ҳей – Ҳей – Ҳей! Ҳей – Ҳей – Ҳей! – сурудхонон ба ҷустуҷӯи хӯрок баромад.



Ногоҳ як баргаки суп-сурхи тилоӣ пеши пояш афтод.

– Эй! Ту кистӣ? – пурсид Ҳейҳей.

– Барги зардолу! Бисёр хушхӯр!

– Эҳ, туро намехӯрам. Бисёр хурдакакӣ, сер намешавам!..

– Ҳей-ҳей-ҳей! Ҳей-ҳей-ҳей! – сурудхонон мерафт Ҳейҳей, ки...



Таги дарахте як сар ангури хушрӯйии пухтагӣ мехобид.

–Эй, ту кистӣ?

–Ангури ширин!

–Эҳ, туро намехӯрам! Бисёр хурдакакӣ, бо хӯрдани ту сер намешавам!..

– Ҳей-ҳей-ҳей! Ҳей-ҳей-ҳей!



– Салом, Ҳейҳей! – замбӯруғи салласафед бо табассум ба ӯ дастафшонӣ кард.

Ҳейҳей нимнигоҳе ҳам накард. Сурудхонон ба роҳаш рафт:

–Ҳей-ҳей-ҳей! Ҳей-ҳей-ҳей!



Кадуи калони ғелонеро
дид, ки сӯяш меояд.
–Эй! Ту кистӣ?
–Кадуи калони бомазза!
–Не! Туро ҳам намехӯрам!

Ту бисёр майдаякӣ, сер намешавам!..
– Ҳей-ҳей-ҳей! Ҳей-ҳей-ҳей! –
сурудхонон луқмаи калонтар мекофт
Ҳейҳей.



Аз дур марғзори сабз намудор шуд. Хари гӯшдарози фарбеҳаке он ҷо мечарид.

–Эй! Ту кистӣ?

–Ман харам, намебинӣ?

–Оличаноб! Боби шиками ман будаӣ! – шодон хитоб кард Ҳейҳей.

Ҳейҳей ба гӯши Хар часпиду гуфт:
–Ман туро мехӯрам!




Хар чизе нафаҳмида, гӯшашро ҷунбонд. Сахт ҳангос зад:
– Ҳаъ! Ҳаъ! Ҳаъ! Ҳаъ-аъаъ!!!

Ҳейҳейи бечора аз тарс парида ба оби ҷӯйбор афтод.

Бо сад азоб ба хаспорае овезон шуда, ба соҳил баромад. Хаставу гурусна, беҳолу бемадор, дир-дир меларзид. Дар нури офтоб гарм шудан хост, ки пояш ба чизе бархӯрд:





Ин донаи хурдакаки гандум буд. Ҳейҳей чунон хурсанд шуд, ки ҳамаро фаромӯш кард.



Донаро зуд бардошту сӯйи хонаашон шитофт:

– Ҳей-ҳей-ҳей! Ҳей-ҳей-ҳей!..

Китобхонаи
Ҷумҳурии Т
М. М



E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.com